«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.________________
«__5__» ____05________соли 2026

# ПРОТОКОЛИ №9

## ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 30 апрели 2026 с. ш. Душанбе

**Раискунанда: н.и.ҳ., профессор Ямоқова З.Д.**
**Котиб: Раҳмон С.С.**

Иштирок карданд: мудири кафедра, д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ.; н.и.ҳ., профессор Ямоқова З.Д.; н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Д.С.; д.и.ҳ., дотсент Давлатзода К.Д.; н.и.ҳ., дотсент Раҳмон С.С.; н.и.ҳ., дотсент Давлатов Б.С.; н.и.ҳ., дотсент Давлатзода Д.Д.; муаллими калон Насриддинов М.; н.и.ҳ., муаллими калон Аҳмадзода М.С.; ассистентон Файзуллозода А.Қ., Ҳабибзода Н.Х. ва лаборанти калон Ҳабибова А.Х. (ҳамчунин бо иштироки намояндаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-043-и назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, д.и.ҳ. Раҳмадҷонзода Р.Р.).

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. **Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Файзуллозода Айнулло Қудратулло дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.**

**Роҳбари илмӣ:** Назаров Аваз Қувватович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Шунида шуд:

Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Файзуллозода Айнулло Қудратулло баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагии мавзуъ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки муҳимтарин шарти мубориза бо ҷинояткорӣ ошкор намудани ҳодисаи ҷиноят ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне мебошад, ки ба манфиатҳои давлат, шаъну шараф ва ҳуқуқҳои қонунии шаҳрвандон таҷовуз менамоянд. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф такмили пайвастаи дастгоҳи тафтишӣ, истифодаи васеи дастовардҳои навтарини илмӣ дар амалияи тафтишӣ ва баланд бардоштани самаранокии ҳамаи амалҳои тафтишӣ аҳамияти муҳим дорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз 16 декабри соли 2025 зикр намуданд, ки: «Агар дар ҷомеа ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, сулҳу суботи устувор ва волоияти қонун набошад, мо ба ягон ҳадафи неки худ намерасем ва ягон нақшаи мо амалӣ намегардад. Инро бояд хурду бузурги мамлакат дар хотир дошта бошанд. Бинобар ин, сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд вазифаи худро дар самти ҳимояи суботу оромии ҷомеа, амнияту осоиши давлат ва мардуми Тоҷикистон бо садоқат ба давлат ва халқи кишвар таъмин намоянд. Мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, радикализм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ вазифаи ҷонии онҳо дар шароити ноороми буҳронии ҷаҳони муосир мебошад».

Барои муборизаи муассир бар зидди ҷинояткорӣ ва таҳкими амнияти ҷомеа зарур аст, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ бо садоқати баланд, масъулияти касбӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи амалҳои тафтишотӣ дар самти саривақт ошкор ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳо фаъолият намуда, волоияти қонун, сулҳу субот ва оромии ҷомеаро таъмин намоянд.

Яке аз амалҳои калидии тафтишӣ азназаргузаронии ҷои ҳодиса мебошад, ки барои сабти дақиқ ва ҳамаҷонибаи шароити ҳодиса, инчунин муайян, сабт ва ҷамъоварӣ намудани далелҳои моддӣ равона шудааст.

Таҷрибаи тафтишӣ нишон медиҳад, ки ин амали тафтишӣ қариб барои ҳар як намуди ҷиноят анҷом дода мешавад, зеро он ба муфаттиш имкон медиҳад, ки вазъиятро дар ҷои ҳодиса пурратар арзёбӣ намуда, дарки амиқтари хусусияти ҳодисаро ба даст орад. Ҳадафи асосии азназаргузаронии ҷои ҳодиса ошкор, таҳқиқ ва бозёфт намудани маълумотест, ки имкон медиҳад ҷиноят ва шахсони дар он дастдошта муайян карда шаванд. Аммо

сифат ва пуррагии азназаргузаронии ҷои ҳодиса аксар вакт нокифоя боқӣ мемонад. Аҳамияти ин амал дар тафтишоти пешакӣ пеш аз ҳама бо он муайян карда мешавад, ки ашёҳои моддии алоҳида аксаран ягона манбаи маълумоти арзишманд дар бораи ҳолатҳои муҳими ҳодисаи тафтишшаванда мебошанд. Бо таҳқиқи ашёи кашфшуда муфаттиш метавонад ин маълумотро барои кушодани ҷиноят ва маҳкум намудани гунаҳкорон истифода барад. Мувофиқи талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, ҳеҷ як ашё наметавонад ба парванда ҳамчун далели моддӣ дохил карда шавад, агар он дар протокол тафтиш ва тавсиф нашуда бошад.

Нақши азназаргузаронии ҷои ҳодиса ҳамчун амали мустақили тафтишӣ дар тафтиш ва ошкор намудани ҷиноятҳо дар солҳои охир, махсусан дар раванди ошкоршавии ҷинояткорӣ, боз ҳам баланд гардидааст.

Дар натиҷаи таҳлили амалияи тафтиши ҷиноятҳо як қатор омилҳо ошкор гардиданд, ки самаранокии азназаргузаронии ҷои ҳодисаро коҳиш медиҳанд. Ин омилҳо нокифоя истифода бурдани техникаи криминалистӣ аз ҷониби мутахассисон, инчунин сатҳи нокифояи донишҳои криминалистӣ ва техникии муфаттишонро дар бар мегиранд. Омили дигари таъсиррасон ба дурустии пешбурди азназаргузаронии ҷои ҳодиса истифодаи номуассири дастовардҳои илми криминалистика мебошад, ки самаранокии тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодисаро коҳиш медиҳад.

Аз ин лиҳоз, таҳияи тавсияҳои ҳамаҷониба барои беҳтар намудани истифодаи илми криминалистика дар раванди азназаргузаронии ҷои ҳодиса барои муфаттишон, воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва коршиносони криминалистӣ аҳамияти хоса дорад. Чунин тавсияҳо бо назардошти робитаи илмӣ, методологӣ, иттилоотӣ-техникӣ ва тактикии фаъолият таҳия гардидаанд.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби иштирокчиён — н.и.ҳ., профессор Ямоқова З.Д.; н.и.ҳ., дотсент Раҳмон С.С. ва д.и.ҳ., дотсент Давлатзода К.Д. — ба унвонҷӯ саволҳо дода шуданд, ки ба онҳо Файзуллозода А.Қ. ҷавобҳои мукаммал пешниҳод намуд.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Назаров А.Қ., баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ-омӯзгории Файзуллозода А.Қ. суханронӣ карда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 5.5.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мутобиқат намуда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раискунандаи ҷаласа, н.и.ҳ., профессор Ямоқова З.Д., баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта барои ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Д.С. ва н.и.ҳ., дотсент Давлатзода Д.Д., баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд намуда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Файзуллозода А.Қ. муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 7 мақолаи илмӣ, иштирокчии конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалӣ, назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро иброз доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, инчунин нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат менамоянд, равона гардидаанд.

Файзуллозода А.Қ. ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромадҳои баромадкунандагон омода гардидааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Файзуллозода Айнулло Қудратулло дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Файзуллозода Айнулло Қудратулло дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-043-

и назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз 30 апрели соли 2026, таҳти №9 қабул шуд.

Иштирок доштанд: 13 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» — 13 нафар, «зид» — нест, «бетараф» — нест.

**Раискунандаи ҷаласа:**
**профессори кафедраи криминалистика**
**ва фаъолияти экспертизаи судии**
**факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ.** **Ямоқова З.Д.**

**Котиби ҷаласа:**
**дотсент, н.и.ҳ** **Раҳмон С.С.**

**Имзоҳои Ямоқова З.Д. ва Раҳмон С.С.-ро**
**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**
«30» апрели 2026 с.

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj